Замимаи 6
ба қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 8 сентябри соли 2025, № 476

Меъёрҳои хироҷи консулӣ

| Р/т | Номгӯй | Меъёри хироҷ (бо доллари ИМА ё бо фоиз аз арзиши молу мулк) |
|---|---|---|
| 1.1. | Барои додани шиносномаҳои хориҷӣ | |
| | Барои додани шиносномаи хориҷии дорои ҳомили иттилоотии электронӣ (шиносномаи хориҷии биометрикӣ) | |
| | - дипломатӣ | 125,0 |
| | - хизматӣ | 100,0 |
| | - умумишаҳрвандии хориҷӣ | 75,0 |
| | - барои кӯдакони то 16-сола | 25,0 |
| 1.2. | Барои ба шиносномаи хориҷии шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид намудани навиштаҷоти дорои хусусияти ҳуқуқӣ | 10,0 |
| 1.3. | Барои гузоштани штамп дар шиносномаи хориҷии шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои сафар ба Ҷумҳурии Мардумии Чин (тибқи шартномаи байнидавлатӣ). Амали мазкур барои кормандони вазорату идораҳо, ки сафари хизматӣ анҷом медиҳанд, ройгон амалӣ карда мешавад | 50,0 |
| Эзоҳ: Барои додани Шаҳодатномаи бозгашт ба Ҷумҳурии Тоҷикистон хироҷи консулӣ ситонида намешавад, агар тибқи тарифҳои алоҳидаи намояндагиҳои дипломатӣ ва муассисаҳои консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа, ки аз ҷониби вазири корҳои хориҷӣ ва вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мешаванд, тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад | | |
| 1.4. | Барои тасдиқи даъвати шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрвандӣ (барои ҳар як нафар) | 10,0 |
| 1.5. | Барои баррасии дархост дар бораи додани раводиди Ҷумҳурии Тоҷикистон | |
| | - барои шахсони воқеӣ (аз ҳар як нафар) | 1,0 |
| | - барои шахсони ҳуқуқӣ (аз ҳар як нафар) | 2,0 |
| 1.6. | Барои додани раводиди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд: | |
| | - ба мӯҳлати то 3 рӯз | 15,0 |
| | - ба мӯҳлати то 7 рӯз | 30,0 |
| | - ба мӯҳлати то 14 рӯз | 40,0 |
| | - ба мӯҳлати то як моҳ | 50,0 |
| | - ба мӯҳлати то 45 рӯз | 60,0 |
| | - ба мӯҳлати то ду моҳ | 65,0 |
| | - ба мӯҳлати то се моҳ | 70,0 |
| | - ба мӯҳлати то чор моҳ | 80,0 |
| | - ба мӯҳлати то панҷ моҳ | 90,0 |
| | - ба мӯҳлати то шаш моҳ | 100,0 |
| | - ба мӯҳлати то ҳафт моҳ | 120,0 |
| | - ба мӯҳлати то ҳашт моҳ | 140,0 |
| | - ба мӯҳлати то нуҳ моҳ | 160,0 |
| | - ба мӯҳлати то даҳ моҳ | 180,0 |
| | - ба мӯҳлати то ёздаҳ моҳ | 200,0 |
| | - ба мӯҳлати то як сол | 220,0 |
| | - ба мӯҳлати то ду сол | 350,0 |
| | - ба мӯҳлати то се сол | 450,0 |
| | - ба мӯҳлати то чор сол | 550,0 |
| | - ба мӯҳлати то панҷ сол | 650,0 |
| | - барқарор/таҳвил кардани раводид | 20,0 |
| 1.7. | Барои додани раводидҳои хуруҷ | |
| | - ба мӯҳлати то 3 рӯз | 20,0 |
| | - ба мӯҳлати то 7 рӯз | 30,0 |
| 1.8 | Барои додани раводид ба собиқ шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон | |
| | - ба мӯҳлати то як сол | 50,0 |
| | - ба мӯҳлати то ду сол | 100,0 |
| | - ба мӯҳлати то се сол | 150,0 |
| 1.9. | Барои додани раводидҳои убур | |
| | Ба мӯҳлати то 72 соат | 30,0 |
| 1.10. | Барои додани раводидҳои навъи сайёҳӣ | |
| | - ба мӯҳлати то 60 рӯз яккарата | 30,0 |

| | | |
|---|---|---|
| | - ба муҳлати то 60 рӯз бисёркарата | 50,0 |
| Эзоҳ:<br>- барои додани раводид ба шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванди ноболиги то 16-сола хироҷи консулӣ ба маблағи 30 доллари ИМА новобаста ба муҳлат ва каратнокии раводид ситонида мешавад;<br>- барои гузаронидани муҳлати амали раводид хироҷи консулӣ ба андозаи зерин зиёд мегардад: то 5 рӯз - 50 доллари ИМА, аз 6 то 15 рӯз 100 доллари ИМА, аз 16 то 30 рӯз - 200 доллари ИМА ва ҳар моҳи минбаъда 100 доллари ИМА;<br>- барои додани раводиди бисёркарата хироҷи консулӣ ба миқдори 40 доллари ИМА зиёд мегардад;<br>- дар ҳолати кам кардани муҳлати будубоши шаҳрванди хориҷӣ ё шахси бешаҳрванд, мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба додани раводид раводиди хуруҷиро метавонад бе ситонидани хироҷи консулӣ диҳад | | |
| 1.11. | Агар тибқи принсипи амалҳои мутақобила ва шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлатҳои хориҷӣ тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад, барои додани раводидҳо ба муҳлати то як сол ба донишҷӯёне, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсил менамоянд, аспирантҳо, докторантҳо ва дигар шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, ки бо муассисаҳои таҳсилотӣ ва илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкорӣ доранд | 100,0 |
| 1.12. | Барои таъйиди ҳуҷҷатҳо ва баррасии ариза оид ба гузоштани апостил: | |
| а) | Барои таъйиди ҳуҷҷатҳо: | |
| | - барои шахсони воқеӣ | 10,0 |
| | - барои шахсони ҳуқуқӣ | 50,0 |
| б) | Барои баррасии ариза оид ба гузоштани апостил: | |
| | - барои шахсони воқеӣ | 10,0 |
| | - барои шахсони ҳуқуқӣ | 50,0 |
| 1.13. | Барои талаб карда гирифтани ҳуҷҷатҳо (аз ҷониби намояндагиҳои дипломатӣ ва муассисаҳои консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа ситонида мешавад) | |
| | - барои ҳар ҳуҷҷат | 20,0 |
| Эзоҳ:<br>- дар ҳолати пайдо накардани ҳуҷҷати дархостшуда ё маълумот дар бораи он, пардохт ба муроҷиаткунанда баргардонида намешавад;<br>- меъёри зербанди б) банди 1.12, инчунин аз ҷониби Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода мешавад. | | |
| 1.14. | Барои иҷрои амалҳои нотариалӣ (аз ҷониби намояндагиҳои дипломатӣ ва муассисаҳои консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа ситонида мешавад) | |
| | - тасдиқи шартнома | 30,0 |
| | - тасдиқи васиятнома | 30,0 |
| | - тасдиқи ваколатнома | 30,0 |
| | - андешидани тадбирҳо ҷиҳати муҳофизати молу мулки меросӣ | 1% аз арзиши молу мулк, вале на камтар аз 20 доллари ИМА |
| | - додани шаҳодатнома дар бораи ҳуқуқи моликият ба ҳиссаи молу мулки умумии зану шавҳар | 30,0 |
| | - додани шаҳодатнома дар бораи ҳуқуқ ба мерос | 30,0 |
| | - тасдиқ намудани дурустии нусхаи ҳуҷҷатҳо ва иқтибос аз онҳо (барои ҳар саҳифа) | |
| | а) аз шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон | 5,0 |
| | б) аз шаҳрвандони хориҷӣ | 10,0 |
| | - тасдиқи аслӣ будани имзо дар ҳуҷҷатҳо, аз ҷумла имзои тарҷумон (барои ҳар имзо) | 10,0 |
| | - тасдиқ намудани дурустии тарҷума аз як забон ба забони дигар (барои ҳар саҳифа), агар корманди муассисаи консулӣ он забонро донад | 5,0 |
| | - тасдиқ намудани далели дар қайди ҳаёт будани шаҳрванд | 10,0 |
| | - тасдиқ намудани далели дар макони муайян будани шаҳрванд | 10,0 |
| | - тасдиқ намудани айнияти шаҳрванд бо шахсе, ки дар сурат тасвир ёфтааст | 10,0 |
| | - тасдиқ намудани вақти пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳо | 10,0 |
| | Ба депозит қабул намудани пул ва коғазҳои қиматнок | 0,2 % аз маблағи умумӣ барои ҳар моҳ |
| | Иҷро намудани сабтҳои иҷроия | 10,0 |
| | Барои нигоҳдорӣ қабул намудани ҳуҷҷатҳо | 10,0 |
| | Таъмин намудани далелҳо | 20,0 |

| | | |
|---|---|---|
| | Содир намудани эътирози баҳрӣ | 20,0 |
| 1.15. | Амалҳои консулӣ нисбат ба воситаҳои нақлиёти заминӣ, баҳрӣ, ҳавоии гражданӣ ва ҳарбӣ, боркашонӣ ва мусофиркашонии Ҷумҳурии Тоҷикистон ройгон ба иҷро расонида мешавад, ба истиснои амалҳое, ки дар бандҳои зерин нишон дода шудаанд | |
| | - додани шаҳодатномаи муваққатӣ оид ба ҳуқуқи шино намудан зери парчами Ҷумҳурии Тоҷикистон ё ҳуқуқ барои киштӣ (танҳо пас аз иҷозат додани Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон) | 100,0 |
| | - тамдиди мӯҳлати эътибори ҳуҷҷатҳо ва таҳияи китобҳои дахлдори киштӣ (танҳо пас аз иҷозат додани Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон) | 50,0 |
| | - тасдиқ намудани шаҳодатномаи санитарӣ (танҳо пас аз иҷозат додани Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон) | 50,0 |
| | - додани шаҳодатнома дар бораи бор кардан ва фаровардани бори киштие, ки зери парчами давлати хориҷӣ шино мекунад, тасдиқи маълумотномаҳо ва эъломияҳои дигар (танҳо бо иҷозати Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон) | 50,0 |
| 1.16. | Барои ба расмият даровардани шиносномаҳо, илтимосномаҳо, ҳуҷҷатҳо оид ба масъалаҳои шаҳрвандӣ (аз ҷониби намояндагиҳои дипломатӣ ва муассисаҳои консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа ситонида мешавад): | |
| | - барои додани шиносномаи умумишаҳрвандии хориҷии дорои ҳомили иттилоотии электронӣ (шиносномаи биометрӣ) тариқи ҷамъ кардани иттилооти биометрӣ ва дархост намудан аз Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 100,0 |
| | - барои дар қайди консулӣ гузоштани шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар хориҷа барои истиқомати доимӣ ва муваққатии давомдор (зиёда аз се моҳ) қарор доранд | 0,0 |
| | - барои барасмият даровардани илтимоснома ҷиҳати баромадан аз шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 200,0 |
| | - барои ба расмият даровардани илтимоснома ҷиҳати қабул намудан ба шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 200,0 |
| | - барои ба расмият даровардани илтимоснома ҷиҳати барқарор намудани шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 200,0 |

Эзоҳ:

- дар ҳолати қонеъ нагардидани дархост хироҷ ба мурочиаткунанда баргардонида намешавад.

| | | |
|---|---|---|
| 1.17. | Барои ба иҷро расонидани амалҳои вобаста ба асноди ҳолати шаҳрвандӣ (аз ҷониби намояндагиҳои дипломатӣ ва муассисаҳои консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа ситонида мешавад); | |
| | - барои баррасии ариза дар бораи ақди никоҳ | 20,0 |
| | - барои ба қайд гирифтани ақди никоҳ ва додани шаҳодатнома дар ин хусус | 30,0 |
| | - барои ба қайд гирифтани бекор кардани ақди никоҳ ва додани шаҳодатнома дар ин хусус | |
| | а) дар асоси розигии мутақобилаи зану шавҳар, ки фарзандони ноболиғ ва баҳси молу мулкӣ надоранд | 30,0 |
| | б) дар асоси ҳалномаи суд | 20,0 |
| | - барои ба қайд гирифтани ақди никоҳ ва бекор намудани он бо шахсоне, ки бо тартиби муқарраргардида беному нишон гумшуда ё бо сабаби бемории руҳӣ, ё камақлӣ, ғайри қобили амал эътироф шудаанд ё бо шахсоне, ки барои содир намудани ҷиноят ба мӯҳлати на камтар аз се сол маҳкум карда шудаанд | 20,0 |
| | - барои ба қайд гирифтани таваллуди кӯдак ва додани шаҳодатнома дар бораи таваллуд | 15,0 |
| | - барои додани гувоҳнома вобаста ба ворид намудани тағйирот, илова ва ислоҳ ба асноди ҳолати шаҳрвандӣ ё барқарор намудани онҳо (агар сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ дар ҳамон намояндагии дипломатӣ ё муассисаи консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа ба қайд гирифта шуда бошад, ки амали консулиро ба иҷро расонида истодааст) | 15,0 |
| | - барои ба расмият даровардани аснод оид ба тағйир додани насаб, ном ва номи падар, ғайр аз ҳолатҳои вобаста ба бастани ақди никоҳ, инчунин барои бақайдгирии тағйири мансубияти миллӣ (тағйиротро раёсати сабти асноди ҳолати шаҳрвандии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иҷро мерасонад) | 15,0 |

| | | |
|---|---|---|
| | - барои такроран додани шаҳодатномаҳо дар бораи сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ дар асоси маводи бойгонӣ | 30,0 |
| | - барои додани шаҳодатнома оид ба муқаррар намудани падарӣ ва фарзандхондӣ | 30,0 |
| 1.18. | Барои додан ва ё дархости маълумотномаҳои мухталифи дорои хусусияти ҳуқуқӣ ва итилоотӣ, ки дар бандҳои 1.1.-1.18. нишон дода нашудаанд (аз ҷониби Сарраесати консулӣ, намояндагиҳои дипломатӣ ва муассисаҳои консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа ситонида мешавад) | 20,0 |
| 1.19. | Барои коркарди дархости раводиди электронӣ | |
| | - ба муҳлати то 60 рӯз яккарата | 30,0 |
| | - ба муҳлати то 60 рӯз бисёркарата | 50,0 |
| 1.20. | Бақайдгирӣ ва азнавбақайдгирии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар Сарраёсати консулии Вазорати корҳои хориҷӣ, ки ба онҳо хизматрасониҳои консулӣ анҷом дода мешаванд | 30,0 |
| 1.21. | Барои додани иҷозати сафар ба ноҳияҳои наздисарҳадӣ, ҳангоми ба расмият даровардани раводид аз ҷониби намояндагиҳои дипломатӣ ва муассисаҳои консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа ва ҳангоми ба расмият даровардани раводиди электронии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби сарраёсати консулии Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 20,0 |

Эзоҳ:

- барои бо хоҳиши шахсони манфиатдор иҷро намудани амалҳои консулие, ки дар замимаи мазкур нишон дода нашудаанд, агар чунин амалҳо ба бандҳои муайян аз рӯйи шабоҳат мансуб набошанд, хироҷи консулӣ бо мувофиқаи Тарафҳо вобаста ба вақти сарфшуда ситонида мешавад;

- шахсони бешаҳрвандӣ дар масъалаҳои ситонидани хироҷҳои консулӣ ба шахсони воқеии хориҷии кишвари зисти доимиашон баробар карда мешаванд;

- барои хизматрасонии консулӣ ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки маъюбони гурӯҳҳои I ва II мебошанд, хироҷи консулӣ дар ҳаҷми 50 дарсади меъёри муқарраршуда ситонида мешаванд;

- дар ҳолатҳои истисноӣ ба вазири корҳои хориҷӣ, роҳбарони намояндагиҳои дипломатӣ ва муассисаҳои консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа ҳуқуқ дода мешавад, ки маблағи хироҷи консулиро кам намоянд ва ё онро аз шахсони алоҳида дар асоси аризаашон (агар сабабҳои дар ариза нишондодашуда асоснок бошанд) тамоман наситонанд. Дар ин ҳолат, дар ҳуҷҷатҳои дахлдор (феҳристҳо ва дафтарҳои баҳисобгирӣ) сабт ворид карда мешавад;

- агар меъёрҳои хироҷи консулие, ки аз тарафи муассисаи консулии давлати хориҷӣ аз шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ситонида мешаванд, аз меъёрҳои муқаррарнамудаи замимаи мазкур кам ё зиёд бошанд ё тамоман ситонида нашавад, пас дар асоси принсипи мутақобила ва бо дарназардошти манфиатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёрҳои хироҷи консулӣ нисбати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии ин кишвар метавонад мутаносибан кам ва зиёд ё тамоман бекор карда шаванд. Ин амал дар шакли фармоиши Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба расмият даровардa мешавад;

- намояндагиҳои дипломатӣ ва муассисаҳои консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа дар мувофиқа бо Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд меъёрҳои хироҷи консулиро бо дарназардошти сатҳи умумии зиндагонӣ ва нархҳои ҷории бозори хизматрасонии кишварҳои будубош, тасҳеҳ намоянд, ки дар шакли меъёрҳои хироҷи консулии алоҳидаи дар ҳудуди ин ё он давлат амалкунанда ба расмият даровардa мешавад;

- хироҷҳо барои ҳама намуди амалҳои консулӣ мувофиқи меъёрҳои нишондодашуда ситонида мешавад, агар тартиби дигаре мувофиқи принсипи мутақобила ва шартномаҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ нагардида бошад;

- маблағи хироҷи дар дохили Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохтшаванда бо доллари ИМА ҳисоб карда шуда, бо асъори миллӣ аз рӯйи қурби расмии Бонки миллии Тоҷикистон, ки дар рӯзи пардохт муайян шудааст, таъмин карда мешавад;

- барои иҷрои фаврии амалҳои консулӣ дар муддати 1-3 рӯзи корӣ меъёри хироҷ 100 дарсад зиёд мегардад.